***ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ***

***ба диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдасалим дар мавзуи «Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ. – Душанбе, 2026. – 202 с.***

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Дар доираи ихтисоси илмии 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ марҳилаҳои асосии ташаккулу таҳаввули падида ва равандҳои адабӣ аз давраҳои қадим то имрӯз, ҳаёт ва эҷодиёти адибон, қонуниятҳои инкишофи адабиёт, давраҳои таърихи адабиёти тоҷик, рушди жанрҳо ва сабкҳои адабӣ, робитаҳои адабӣ ва ғайра таҳқиқот роҳандозӣ мегардад. Дар **бандҳои 7-8-уми** «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмии **6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ** таҳқиқи адабиёти тоҷик дар асрҳои XVI-XIX, адабиёти давраи нав, аҳди ҷадидия ва вазъи адабиёти тоҷик дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX тарҳрезӣ шудааст. Мавзуи диссертатсияи Салимзода Муҳайё ба доираи масоили пажуҳишии дар бандҳои мазкур таъиншуда ба пуррагӣ **мувофиқат менамояд**.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Адабиёти тоҷик ҳамчун як рукни муҳимми фарҳанги миллӣ ва маънавиёти халқи тоҷик дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи он омӯхта мешавад. Баррасии заминаҳои пайдоиш ва ташаккули адабиёти тоҷик аз давраи қадим то имрӯз, вазъи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва таъсири он ба адабиёт, доираҳои адабӣ, пайдоиши сабкҳо ва равияҳои адабиётшиносӣ, мактабҳои адабиётшиносӣ, вазъи жанрҳои адабӣ, таҳаввули жанру анвои адабӣ, татаъини хусусиятҳои осори хаттӣ аз зумраи **масоили мубрами** пажуҳишӣ дар соҳаи адабиётшиносӣ маҳсуб меёбанд. Таърихи адабиёти нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX аз давраҳои муҳимму пурғановат буда, дар ин марҳилаи таърихӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ ва адабӣ таҳаввулоти чашмрас ба вуҷуд омада, дар ин раванд Мирзо Абдулқодирхоҷаи Савдои Бухорои ҳамчун пайрави маорифпарвари бузурги тоҷик Аҳмади Дониш саҳми назаррас дорад. Абдулқодирхоҷаи Савдо аз зумраи шоирони хушзавқи нимаи дуюми асри XIX буда, ҳарчанд асосан ҳамчун шоири ғазалсаро муаррифӣ мешавад, дар таҳаввули анвои дигари адабӣ саҳми шоиста дорад. Аз ин рӯ, таҳқиқи рӯзгору мероси адабии Савдо, мухтассоти «Баёз»-и ӯ ва дар умум, таъини ҷойгоҳи шоир дар доираи адабии нимаи дуюми асри XIX Бухоро аз зумраи **масоили муҳимму мубрами адабиётшиносӣ** мебошад.

**Навгонии илмии диссертатсияи** довталаби дараҷаи илмӣ дар он арзёбӣ мегардад, ки бори нахуст дар қолаби рисолаи таҳқиқӣ ахбори муаллифони тазкираҳо, дигар сарчашмаҳои адабӣ ва маълумоти муҳаққиқони муосир оид ба зиндагиномаи илмии Абдулқодирхоҷаи Савдо баррасӣ гардида, басомади зикри шеърҳои ӯ дар тазкираҳои охири асри XIX-ибтидои асри XX ва дигар сарчашмаҳои адабию таърихӣ муайян карда шудааст. Диссертант ба баррасии сохтори жанрии ашъори Савдо, гурӯҳбандии онҳо ба анвои ғазал, қасида, рубоӣ, қитъа ва дигар анвои шеърӣ, омӯзиши асарҳои мансури Савдо аз назари сохтори жанрӣ ва муҳтавоӣ, хусусиятҳои нусхашиносию сохту таркиби «Баёз»-и Савдо ва пажуҳиши хусусиятҳои мавзуӣ, бадеиву сабкӣ ва ҷанбаҳои ҳунарии ашъори шоир таваҷҷуҳи вежа зоҳир карда, ин масъалаҳоро дар бобу фаслҳои диссертатсия мавриди таҳқиқи илмӣ қарор додааст.

Салимзода Муҳайё барои анҷом додани кори таҳқиқиаш дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро дар 4 банд** манзур намудааст. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида муҳтавои фаслу бобҳороро инъикос карда, дар самти шинохту таҳқиқи доираи адабии нимаи дуюми асри XIX Бухоро, рӯзгору осори Абдулқодирхоҷаи Савдо, таъини хусусиятҳои мундариҷавӣ, забонӣ, сабкӣ ва бадеии ашъори шоир аҳаммияти махсуси илмӣ доранд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он асоснок карда мешавад, ки дар диссертатсияи тақризшванда натиҷаҳои боэътимод ба мушоҳида мерасад ва далелу муҳокимаю хулосаҳои кори таҳқиқӣ ҷалби таваҷҷуҳ мекунанд. Дар диссертатсияи тақризшаванда аз сарчашмаҳои адабӣ ва осори назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода гардида, ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳо ва теъдоди интишорот дар мавзуи диссертатсия ба талаботи мавҷуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мувофиқат менамоянд. Омӯзиши рӯзгору осори Савдо, осори назарии марбут ба мавзуъ, интихоби дурусти методҳои таҳқиқ ва масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссертатсия матраҳшуда ба муаллиф имкон додааст, **хулоса ва тавсияҳои** боэътимод бароварда, дурнамои таҳқиқоти равишмандро дар соҳаи адабиётшиносӣ дуруст муайян намояд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, 3 боб, 7 фасл бо фарогирии зерфаслҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфта, ҳаҷми умумии кор 202 саҳифаи чопи компютериро фаро гирифтааст. Дар фаслу бобҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқӣ, истинод бар маъхазҳо, муҳокимаю бардоштҳо ва хулосаҳои ҷолиб ба назар мерасанд.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия ҳамаи зербахшҳои зарурӣ тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ таҳия ва манзур шудаанд.

**«Ҳаёт ва эҷодиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо»** унвони боби якуми диссертатсия буда, шомили ду фасл ва зерфаслҳост. Дар фасли аввали боби **якум** дар барқарор намудани **зиндагиномаи Абдулқодирхоҷаи Савдо** диссертант равиши интихобкардаи Г. Галимоваро идома дода, маводди тозаи бадастомадаро мавриди таҳқиқ қарор дода, манобеи истифодабурдаи худро ба гурӯҳҳои тазкираҳо ва дигар сарчашмаҳои адабӣ, ашъори худи Савдо ва маълумоти муҳаққиқони муосир ҷудо намудааст [диссертатсия, с. 19].

Дар ин фасли диссертатсия таваллуд, ному насаб, баромади иҷтимоӣ, устоди Савдо, таҳсилоту касби камол, зиндагӣ ва алоқамандии шоир ба дарбор, муносибати Савдо бо донишмандони замон ва фарҷоми умри ӯ дар асоси ахбори тазкираҳо, сарчашмаҳои адабӣ ва осори илмию назарии дастрас бо низоми муайян ва андешаҳои мудаллал баррасӣ гардидаанд.

Дар фасли дуюми боби аввали диссертатсия, ки **«Мероси адабии шоир»** номгузорӣ шудааст, масъалаҳои марбут ба шеърҳои Савдо дар тазкираҳои охири асри XIX ва ибтидои асри XX, теъдоди асарҳои манзуму мансури Савдо ва мансубияти жанрии ашъори шоир матраҳ шудаанд. Ба андешаи муаллифи диссертатсия тазкираҳои охири асри XIX ва ибтидои асри XX барои дастрасӣ ба шеърҳои Савдо манбаъҳои муҳим буда, ба ғайр аз ду тазкираи дар ҳамин давра таълифшуда дар ҳамаи дигар тазкираҳои боқимонда номи шоир ва намунаҳои ашъораш зикр гардидааст. Баъдан тазкираҳо аз рӯйи тартиби зикрашон ба баррасии ахбори дар онҳо дарҷгардида шарҳу тавзеҳ меёбанд. Диссертант барҳақ ба ин натиҷа мерасад, ки ««Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ охирин тазкирае дар фосилаи замонии мавриди назар мебошад, ки ахбори дар он омада ва равиши муаррифии муаллиф аз тазкираҳои дигар фарқ дошта, бо ҷанбаи таҳқиқии қавиаш имтиёз дорад» [диссертатсия, с. 36].

Масъалаи дигари дар фасли дуюми боби аввал мавриди пажуҳиш қароргирифта, таъини **теъдоди асарҳои манзуми Савдо** мебошад. Дар ин фасл натиҷагирии Г. Галимова дар муқаддимаи «Мунтахабот»-и Савдо ва маълумоти ҷилди 5-уми «Гулшани адаб» (1980) мавриди қиёс қарор гирифтаанд. Дар ин хусус хулосаи диссертант дар асоси ахбори сарчашмаҳои гуногун, аз ҷумла китобҳои тазкира ва муқоисаи ашъори мундариҷ дар онҳо бо нусхаи чопии «Мунтахабот»-и Савдо ва дигар манбаъҳои нашршуда

манзур шуда, илова бар ин, натиҷаҳои мушаххас дар ду ҷадвал манзур шудаанд, ки яке аз муҳассаноти ин кори таҳқиқӣ аст.

Дар зерфасли баъдӣ муаллифи диссертатсия ба таснифи анвои **ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо пардохта, онҳоро ба** ғазал, маснавӣ ва қасида, қитъа ва рубоӣ ва дигар анвои шеърӣ ҷудо намуда, доир ба теъдод, сохтор, сабки нигориш, мавзуъҳои меҳварӣ ва масоили дигар ибрози назар намудааст. Масалан, дар таҳқиқи ғазал ишора мешавад, ки илова бар 50 ғазали дар «Мунтахабот»-и Савдо ҷойдодашуда ва намунаи ғазалҳои чопшудаи шоир дар «Гулшани адаб» диссертант аз ду сарчашмаи дигар – «Баёз»-и Савдо ва «Тазкират-уш-шуаро»-и Абдуллохоҷаи Абдӣ 9 ғазали дигари шоир пайдо намудааст. Ин далел аз ҷусторҳои бобарор ва корбурди дурусти усули омории таҳқиқ гувоҳӣ медиҳад.

Зерфаси чоруми фасли дуюми боби аввал ба баррасии **асарҳои мансури Савдо** бахшида шуда, дар мисоли як ҳикояти хурд ва асари мансури «Музҳика» қудрат ва ҳунари адиб дар таълифи осори мансур нишон дода шудааст. Хуб аст, ки дар ин зерфасл муҳаққиқ ба сабки нигориши Савдо дар наср низ мутаваҷҷеҳ шудааст.

Боби дуюми диссертатсия, ки **«Баёз»-и Абдулқодирхоҷаи Савдо ва аҳаммияти он ҳамчун сарчашмаи адабӣ»** ном дорад, аз се фасл таркиб ёфта, дар ин фаслҳо **хусусиятҳои китобшиносӣ ва нусхашиносии «Баёз»-и Савдо, сохту таркиби баёз ва аҳаммияти он ҳамчун сарчашмаи адабӣ** таҳқиқ шудаанд. Дар оғози ин боб иттилоъ дода мешавад, ки ««Баёз»-и Савдо дар китобхонаи АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ, таҳти рақами 279 нигаҳдорӣ мешавад. Нусхаи мазкур баёз буда, дар он аз ашъори шоирони гуногун, аз ҷумла, худи соҳиби баёз намуна оварда шудааст» [диссертатсия, с. 84].

Салимзода М.А. ба назарияи нусхашиносӣ такя карда, ба ду тарзи тавсифи нусхаи хаттӣ, яъне тавсифи библиографӣ ва тавсифи кодикологӣ ишора менамояд. Дар ин асос диссертант нусхаи мавриди назарро аввал тавсифи библиографӣ намуда, пасон ба тавсифи кодикологӣ пардохтааст.

Диссертант дар фасли дуюми боби мазкур ашъори аз аввали дастнавис то вараќи 8а овардашударо дар ҷадвали ҷудогона манзури хонанда намуда, миқдори абёт, навъи шеърӣ ва муаллифи онро мушаххас намудааст.

Дар фасли сеюми боби дуюм кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки **аҳаммияти «Баёз»-и Савдо ҳамчун сарчашмаи адабӣ** муайян карда шавад. Диссертант аҳаммияти сарчашмавии «Баёз»-и Савдоро, пеш аз ҳама, дар фарогирии намунаҳои ашъори шоирони гузаштаю ҳамзамони Савдо ва осори мансури даврони ӯ маънидод менамояд. Воқеан, дар таркиби «Баёз»-и Савдо

намунаи ашъори адибоне ҳам манзур шудаанд, ки онҳо ҳамчун донишмандон шинохта шудаанд. Ба ҳукми далел дар диссертатсия дар такя ба «Баёз»-и Савдо аз ашъори Насириддини Тӯсӣ намуна оварда шудааст. Аҳаммияти дигари «Баёз»-и Савдо дар муаррифӣ ва шинохти шеъри ҳамзамонони худи шоир маънидод мегардад. Аз маводди дар ин фасл фароҳамомада маълум мешавад, ки дар баёзи мазкур намунаи ашъори шоирони гузашта ва муосири Савдо, намунаи насри адибони гузашта ва худи Савдо дарҷ гардидааст. Аз ин рӯ, «Баёз»-и Савдо ба сифати сарчашмаи адабӣ дар ҷараёни омӯхтани вазъи адабии замон, гирдоварии ашъори шоирон, баррасии масъалаи татаббуъ ва пайравӣ аҳаммияти махсуси илмӣ ва адабӣ дорад.

Боби сеюми диссертатсияро таҳти унвони **«Мазмун ва хусусиятҳои бадеии ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо»** яке аз пурбортарин ва муҳимтарин бобҳои рисола маънидод намудан мумкин аст. Ин боб аз ду фасл ва ҳашт зерфасл иборат мебошад. Дар фасли аввал **мазмун ва мундариҷаи ашъори шоир** мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар зерфаслҳои он тараннуми ишқ, ҳаҷву мутоиба, ҳасби ҳол ва мавзуъҳои иҷтимоӣ дар ашъори Савдо бо шавоҳиди зиёди шеърӣ матраҳ гардидаанд.

Дар фасли дуюми боби сеюм **хусусиятҳои бадеии ашъори Савдо** таҳқиқ шуда, дар ин замина забону сабки баёни шоир, корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ, ҳунари шоирӣ, вазну ихтиёроти шоирӣ ва қофияву радиф баррасӣ гардидаанд. Аз пажуҳиши диссертант дар ин фасл маълум мешавад, ки дар шеваи забонии эҷод ва сабки баён низ Савдо тозакориҳои бунёдӣ дошта, ҳунари шоирии ӯ дар истифодаи вожаҳо, масалан, калимаҳои «началидо», «качалидо», «халидо», «меамалидо», бағалидо» ҳамчун қофия шарҳу тавзеҳ ёфтаанд, ки аз ҷиҳати сохтор ва сабки баён, воқеан, тозагие доранд. Дар ин фасл ҳунари шоирии Савдо баррасӣ гардида, ба андешаи диссертант ҳунари шоир бештар дар дарунмоясозии каломи ҳунарии манзум зоҳир меёбад. Аз ин ҷост, ки Савдо ба суханронии маҳзи ҳунарӣ гироиш надошта, «...дар гуфтани ғазал аввал пайрави Бедил аст. Баъдан, ба руҳи ғолиб дар афкори пешқадами замон майл карда, бо пайравӣ аз афкору андешаи Аҳмади Дониш сарчашма мегирад» [диссертатсия, с. 149].

Дар зерфаслҳои дигари фасли дуюм масоили марбут ба **вазну ихтиёроти шоирӣ ва қофияву радиф** ба пажуҳиш фаро гирифта шудаанд. Таҳқиқи арузӣ ва таҳлили ғазалиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо диссертантро ба ин натиҷа расонидааст, ки шоир дар интихоби вазн ва мутобиқати он бо мавзуи шеър хеле донишмандона муносибат намуда, дар истифодаи вазни шеър ҳам аз роҳи таҳқиқ ва ҳам табъи шоирӣ муносибати огоҳона зоҳир кардааст [диссертатсия, с. 173].

Салимзода Муҳайё навъҳои қофияро дар ашъори Савдо муайян карда, барои ҳар кадом навъи қофияи пурбаҳо мисолҳо оварда, ҳарфу ҳаракатҳояшонро дар зерашон навишта, дар ҳолати зарурат ба уюби қофия ҳам ишора кардааст. Илова бар ин, бо мақсади ошноии комилтар пайдо кардани хонанда ба навъҳои қофияи пурбаҳо дар ғазалиёти Савдо тарҳи умумии онҳоро тариқи ҷадвал манзур намудааст.

**Хулосаи диссертатсияи** Салимзода Муҳайё Абдусалим фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 14 банд фароҳам омадааст. Ин бахш натиҷаҳо аз таҳқиқи мавзуъ ва масоили дар бобу фаслҳои диссертатсия тарҳрезишуда буда, дар охири ҳар банди хулоса ишора ва истиноди зарурӣ ба мақола ва таълифоти довталаб ба назар мерасад.

**Аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ** бо он асос меёбад, ки натиҷаҳои илмии диссертатсияи мазкур дар такмили баъзе масъалаҳои назарии марбут ба шинохту таҳқиқи доираи адабии нимаи дуюми асри XIX Бухоро замина мегузорад. Усулу равишҳои таҳлилу таҳқиқ осори адабӣ, ки дар диссертатсия муаррифӣ гардидаанд, дар таҳқиқоти назарияпардозон ва муҳаққиқон, бахусус дар самти омӯзиш ва пажуҳиши хусусиятҳои осори адабии давраи мазкур муфид аст. Хулоса ва тавсияҳои муаллифи диссертатсияро дар пужуҳишҳои минбаъдаи марбут ба мероси адабии Абдулқодирхоҷаи Савдо ҳамчун асос истифода бурдан имкон дорад. Аз тарафи дигар, маводди дар бобу фаслҳои диссертатсия манзуршуда, пешниҳоду тавсияҳо ва хулосаҳои муаллифро метавон дар таълифу таҳияи дастуру васоити таълимӣ, китобҳои дарсӣ оид ба таърихи адабиёти тоҷик ва зимни таълиму тадриси курсу семинарҳои махсус истифода бурд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия **3 мақола** дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **2 мақолаи дигар** дар маводди конференсияҳо ба нашр расонидааст. **Маводди интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, **саҳми шахсии муаллифро** собит менамоянд.

Диссертатсия, автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта, ба **талаботи** Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ **мувофиқат менамояд.**

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Дар радифи дастовардҳои назарраси илмӣ дар диссертатсия ва автореферати Салимзода Муҳайё баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки ба хотири пешрафти корҳои пажуҳишии минбаъдаи довталаби дараҷаи илмӣ зикри чанде аз онҳоро зарур медонем:

1. Агар дар диссертатсия таносуби ҳаҷми бобҳо риоя мемегардид, ба мақсад мувофиқ буд. Чунончи, агар бобҳои якуму сеюм аз 65 саҳифагӣ таркиб ёфта бошанд, боби дуюм ҳамагӣ 33 саҳифаро фаро гирифтааст.

2. Забон ва сабки баён дар ҷараёни накду таҳқиқ аз аносири муҳимми матраҳшаванда мебошанд. Хуб аст, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар зерфасли аввали фасли дуюми боби сеюм ба ин ин масъала низ мутаваҷҷеҳ мешавад. Ин зерфаслро аз доираи фасли «Хусусиятҳои бадеии ашъори Савдо» берун оварда, дар фасли ҷудогона батафсилтар мавриди таҳқиқ қарор додан беҳтар аст. Илова бар ин, дар ҳаҷми 7 саҳифа фаро гирифтани масъалаи мазкур ва мухтассоти сабкию забони ашъори шоир кори бисёр мушкил аст.

3. Ба назари мо, ба чаҳор зербанд – ғазал, маснавӣ ва қасида, қитъа ва рубоӣ ва дигар анвои шеърӣ ҷудо намудану дар мундариҷа нишон додани онҳо зарурат надошт, чунки унвони зерфасли сеюми фасли дуюм – «Анвои ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо» ин масъалаҳоро фаро гирифта метавонад.

4. Дар муқаддимаи диссертатсия ва автореферат қайд шудааст, ки «Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса ва рӯйхатти адабиёт иборат мебошад. Баъзе фаслҳо ба зерфаслҳо тақсим шудаанд» (диссертатсия, с. 18; автореферат, с. 11). Аз бахши мундариҷа бармеояд, ки диссертатсияи тақризшаванда аз ҳафт фасл фароҳам омадааст.

5. Дар анҷоми боби якум ишора мешавад, ки «Савдо дар тӯли фаъолияти эҷодии худ бо ду тахаллус шеър гуфтааст: Савдо ва Бепул» (дисс., с. 83). Агар ваҷҳи интихоби ду тахаллус ва мавкеи истифодаи онҳо бо шавоҳиди шеърӣ баррасӣ мегардид, ин нукта боз ҳам мушаххастар ва дақиқтар мешуд.

Қайду эродҳои мазкур арзиши илмии диссертатсия ва аҳаммияти онро дар илми адабиётшиносӣ коҳиш намедиҳанд. Дар маҷмуъ, диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдасалим ба баррасии мавзуи муҳим ихтисос ёфта, ҳадаф ва вазифаҳои дар меҳвари пажуҳиш ҷойгирифта дар сатҳи зарурӣ ҳаллу фасл шудаанд. Муҳтавои диссертатсия бо автореферати он бо забонҳои тоҷикию русӣ ва мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва маводди конференсияҳо ба чоп расидаанд, мувофиқат дорад.

**Дар маҷмуъ,** метавон хулоса кард, ки диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдасалим дар мавзуи «Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи ин кори таҳқиқӣ ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
муовини ректор оид ба робитаҳои
байналмилалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Қурбонзода Р.Қ.
«12» июни соли 2026.

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 134.
Тел.: (+992) 98-106-65-34.
E-mail: v.rukhshona@mail.ru

Имзои Қурбонзода Рухшона Қурбонро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Қодирзода Сайвалӣ

Нишонӣ:: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: +992 (37) 224-13-83.
E-mail: info@tgpu.tj
«12» июни соли 2026.